# ТАҚРИЗ

ба автореферати Изатулоев Сафарали дар мавзӯи “Рушду инкишоф ва маҳсулнокии буққачаҳои генотипашон гуногун дар шароити парвариши чарогоҳӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.

Яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таъмини амнияти озуқаворении кишвар ба ҳисоб рафта, олимони соҳаи чорводорӣ барои таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти гӯшти хушсифати ватанӣ корҳои назаррасро ба анҷом расонида истодаанд.

Бояд қайд намуд, ки истеҳсоли озуқаворӣ сарфи назар аз системаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва шаклҳои моликият барои ҳар як мамлакат шарти муҳимтарини фаолияти ҳаёти инсон буд ва мемонад.

Дар соҳаи чорводорӣ самтҳои асосие, ки барои таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои гӯштию ширӣ равона карда шудааст, ин парвариши чорвои калони шохдор мебошад, ки истеҳсоли гӯшти ватаниро то 40% нисбат ба дигар намуди чорвоҳо ба уҳда дорад.

Дар самти парвариши чорвои гӯштӣ дар мамлакат зотҳои махсусгардонидашудаи гӯштӣ аз қабили зотҳои қазоқии сарсафед, абердин ангус, қалмиқӣ ва дурагаҳои онҳо парвариш карда мешаванд.

Дар солҳои охир, корҳои селексионӣ бо зоти қазоқии сафед тавассути интихоб ва ҷуфткунонии дохилизотӣ аз рӯи хусусиятҳои асосии хоҷагидорию биологӣ, ки самаранокии парвариши онро муайян мекунад гузаронида шуда исодааст, ва дар натиҷаи ҷуфтикунони дохилизотӣ дар ҷумҳурӣ типи чорвои сергӯшти тоҷикӣ тасдиқи худро ёфтааст.

Муаллиф Изатулоев С. оид ба парвариши чорвои типи сергӯштии тоҷикӣ ва дурагаҳои онҳо бо чорвои зебуи маҳаллӣ дар тамоми фаслҳои сол дар чарогоҳҳо тадқиқотҳои илмӣ бурда, дар натиҷа хусусиятҳои афзоиш ва инкишоф, маҳсулнокии гӯштӣ, сифати пӯст, нишондиҳандаҳои морфофизиологии бадан вобаста ба тағйирёбии синну сол муайян карда шудаанд, ва дар ин асос системаи истифодаи самарабахши дурагакунии дохилизотӣ ва саноатиро дар шароити парвариши чорво дар тӯли сол чарогоҳҳо муайян карда шуд.

Дар натиҷаи тадқиқотҳо муайян намуданд, ки даромаднокии парвариши буққачаҳои типи тоҷикӣ 62,2 фоиз, дурагҳо — 57,0 фоиз, чорвои маҳаллӣ бошад хамагӣ 22,0 фоизро ташкил дод. Ҳамин тариқ, дуруст интихоб кардани генотипҳои чорво ва технологияи оптималии парвариши онҳо имконият медиҳад, ки истеҳсоли гӯшт зиёд ва арзиши аслии он 1,2—2,2 баробар кам карда шавад.

Автореферат бо услуби илмӣ, пайдарпай ва бо забони фаҳмо навишта шуда, мақсад, вазифаҳо, навгониҳо ва хулосаҳо бо ҳам мутобиқ мебошанд. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда пурра аз натиҷаҳои тадқиқот бармеоянд.

Хулоса: Автореферати диссертатсия дар мавзӯи “Рушду инкишоф ва маҳсулнокии буққачаҳои генотипашон гуногун дар шароити парвариши чарогоҳӣ” ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Ноиби президенти АИКТ,
д.и.б., узви вобастаи АИКТ Амиршозода Файзулло Сафар
16. 02.2026 г.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21 “А”.
Tel.: (+992) 208454564
E-Mail: afaizullo64@mail.ru

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кучаи Фирдавсӣ 70 ҳуҷраи 10
Tel.: (+992) 208454564
E-Mail: afaizullo64@mail.ru

Имзои Амиршозода Ф.С.-ро тасдиқ мекунам
Сармутахассис оид ба кадрҳо Ғаниева Г.Э.

Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон
**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21 “А”.
Tel./Fax.: (+992-37) 221-70-04
E-Mail: aikt91@mail.ru

16.02.2026 г.